**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводди фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)**

Муаллифи диссертатсия Буриева Шаҳноза Бекмуратовна бори аввал дар забоншиносии тоҷик вожагони ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагиро дар асоси моддаҳои луғавии «Бурҳони қотеъ» аз назари этнолингвистӣ ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳамзамон, бори нахуст муқоисаи вожагони ин соҳа дар гузашта ва имрӯз дар доираи забони тоҷикӣ бо муваффақият анҷом дода шудааст.

Муаллиф дар рисолаи худ хеле хуб зикр мекунад, ки имрӯз қисме аз калимаҳои матрук ва ё кӯҳнашудаи соҳавиро метавон ҳамчун истилоҳи ин соҳа аз нав эҳё намудаву мавриди истифода қарор дод, зеро маҳз, чунин вожаҳо бозтоби фарҳанги ниёгонамон буда, дар худ рӯзгори гузаштагонро инъикос мекунанд.

Унвонҷӯ дар диссертатсияи худ бо баррасии фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» вожагони марбут ба соҳаи ҳунармандиро дар самти соҳаҳои бофандагӣ, дӯзандагӣ, ресандагӣ ва пазандагӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, вожагони ин соҳаро бо мавҷудияти қабатҳои гуногуни маъноӣ ва гурӯҳҳои зиёди мавзуии вожагон, унсурҳои иқтибосӣ, воҳидҳои сермаънову якмаъно, муродифу муодилҳо ва калимаҳои зидмаъно, таъбирҳову таркибҳои рехта, қолибҳо ва воситаҳои калимасозиву калимабандӣ ва амсоли инҳо дуруст муайян кардааст.

Интихоби мавзуъ аз ҷониби унвонҷӯ дуруст ва саривақтӣ буда, мубрамии мавзуъ дар он ифода гардидааст, ки масъалаи таҳқиқи этнолингвистии вожагони ҳунарҳои мардумӣ дар асоси маводди фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ» дар илми забоншиносии тоҷик бори нахуст буда, аз ҷониби забоншиносон ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ камтар дода шудааст.

Диссертатсия аз феҳрасти ихтисораҳо, муқаддима, се боб, 6 фасл, 19 зерфасл, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳрасти адабиёти истифодашуда, феҳрасти интишороти илмии

диссертант оид ба мавзуъ, таркиб ёфта, шомили 208 саҳифаи чопи компютерӣ аст.

Диссертант дар боби аввал аз хусуси таърихи пайдоиши этнолингвистика ҳамчун як соҳаи илми забоншиносӣ маълумот дода, доир ба фарҳангномаҳо ва мавқеи онҳо ҳамчун сарчашмаи таҳқиқоти этнолингвистӣ ба таври муфассал маълумот медиҳад.

Дар боби дувуми диссертатсия таҳқиқи вожаҳо ва истилоҳоти марбут ба соҳаи бофандагӣ, ресандагӣ ва дӯзандагиро ба зерфаслу қисматҳои ҷудогона гурӯҳбандӣ намуда, онҳоро таҳлил ва муайян намудааст.

Дар боби савуми диссертатсия вожаву истилоҳоти марбут ба соҳаи пазандагӣ, аз ҷумла, хӯрокпазӣ, нонпазӣ, ҳалвопазӣ ва ғайраҳо мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифта, тавассути корбурди зерфаслҳо вожаву истилоҳоти ин соҳаро бо масолеҳи омодашавандаашон ва навъҳои онҳо, инчунин, абзори онҳо мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор медиҳад.

Дар қисмати хулосаи рисола муаллиф натиҷаи илмию амалии таҳқиқоташро дар 16 банд ҷамъбаст намудааст.

Дар баробари дастовардҳо чанд норасоие ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба андешаи мо барои беҳбудии сатҳи таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф ба баромади таърихии вожаҳо низ таваҷҷуҳ медод.
2. Аломатҳои китобат дар баъзе мавридҳо дуруст риоя нагардидаанд [саҳ. 10, 13,19, 20 ва ғ.].

Камбудиҳои зикргардида қимату арзиши рисоларо накоҳонида, ислоҳшаванда мебошанд.

Автореферат ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллиф Буриева Ш.Б. комилан муҳтавои пажуҳиши муҳаққиқро инъикос намудаанд. Маводди илман таҳқиқгардидаи рисола ба меъёрҳои таълифи кори илмӣ ҷавоб дода метавонад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводди фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ»)» комилан анҷомёфта буда, он ба талаботи «Низомномаи Шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01. – Забони тоҷикӣ) сазовор дониста шавад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забони тоҷикӣ ва фарҳанги
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон **Кабиров Хуршед Шаҳбозович**

«16» января соли 2025

Нишонӣ: 734055, ш. Душанбе, к. Борбад 48/5
E-mail: dsx_ips@mail.ru
Тел.: (+992) 98 541 4181
Факс: (+992 37) 234-88-02

Имзои Кабиров Хуршед Шаҳбозовичро
тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБССТ **Ҷураев Шоҳрух Неъматович**

«16» января соли 2025